**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел.: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 216/1с
аз «19» 05 соли 2025

Бонки миллии Тоҷикистон

Хулоса оид ба лоиҳаи «Тартиби таҳия ва муҳлати пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)» ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ лоиҳаи болозикр ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти талаботи банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ гардидааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа, ки аз ҷониби таҳиякунанда пешниҳод шудааст, хулосаи зерин манзур карда мешавад:

1) тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби таҳиякунанда - Бонки миллии Тоҷикистон риоя гардидааст;

2) дар банди 1 боби 2 лоиҳаи болозикр уҳдадорӣ барои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) доир ба талабот оид ба ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла, унвонварақа (бо имзо ва муҳр), маълумот дар бораи ҳиссаи муассисон (саҳмдорон)-и ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ), ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ, ҳисобот оид ба фоида ва зарар ва дигар даромадҳои маҷмуӣ, ҳисобот оид ба тағйирёбии сармоя, ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ пешбинӣ гардидааст;

3) дар лоиҳа маҳдудиятҳо барои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) пешбинӣ нагардидааст;

4) дар лоиҳа масрафҳои беасос аз низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мушоҳида намегардад;

5) лоиҳа барои ҳалли мушкилот асоснок буда, барои нигоҳ доштани низоми устувори суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии суғурташавандагон, шахсони суғурташуда ва фоидагирандагон мусоидат менамояд.

Бо эҳтиром,

Директор Саидзода И.Ҳ.